**ХУЛОСАИ**
**ШӮРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-004 ДАР НАЗДИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМ**

Парвандаи аттестатсионии №

Хулосаи шӯрои диссертатсионӣ аз 23.01.2021 сол, суратҷаласаи № 57 оид ба Шоҳиён Абдураҳим Маҳмадулло, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ.

Диссертатсия дар мавзӯи "Асосҳои институтсионалии ташаккул ва рушди шарикии иҷтимоӣ дар субъектҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.01-назарияи иҷтисодӣ аз__________________, суратмаҷлиси №__ аз тарафи шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17), ки бо фармони КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.05. 2019 сол, № 96, таъсис ёфтааст, барои ҳимоя қабул шуд.

Шоҳиён Абдураҳим Маҳмадулло, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, 15 августи соли 1975 дар ноҳияи Фархори вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Баъди хатми мактаби миёна, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айниро бо ихтисоси муаллими фанни математика ва Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо ихтисоси менеҷер-иҷтисодчӣ (идоракунии давлатӣ) хатм намудааст. Солҳои 1999–2005 ба ҳайси сармуҳосиби коперативи истеҳсолии "Орзубек"– ноҳияи Фархор, солҳои 2005–2008 муаллим, муовини Директор оид ба таълими мактаби миёнаи №17– ноҳияи Фархор, солҳои 2008–2011 муовини Директори корхонаи воҳиди ёрирасони назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2011-2012 мутахассиси шуъбаи ташкилӣ ва кор бо кадрҳои Дастгоҳи Кумитаи Иҷроияи Марказии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, солҳои 2012-2016 мудири бахши оморӣ ва баҳисобгирии Дастгоҳи Кумитаи Иҷроияи Марказии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, солҳои 2016-2019 мудири бахши бақайдгирӣ ва кор бо созмонҳои ҷамъиятии Дастгоҳи Кумитаи Иҷроияи Марказии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон фаъолият намудааст. Аз соли 2019 то ҳол ба ҳайси Раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар шаҳри Турсунзода фаъолият дорад. Ҳамзамон, аз соли 2016 то соли 2020 ба ҳайси муаллими калони кафедраи назарияи иқтисодӣ ва фаъолияти соҳибкории Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат фаъолият намуда, унвонҷӯи ҳамин кафедра мебошад. Бо Ифтихорномаи Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон сарфароз гардонида шуда, аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Роҳбари илмӣ: Мирсаидов Аброр Бобоевич** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини директор оид ба илми Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоикистон

**Муқарризони расмӣ: Ҷабборов Абдусаттор Ҷабборович** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон;

**Олимов Аловиддин Хайруллоевич**- номзади илмҳои иқтисодӣ, декани факултети баҳисобгирӣ ва молияи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур.

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тақризи мусбии худ, ки аз ҷониби мудири кафедраи идоракунии молияи давлатии факултети идоракунии давлатӣ номзади илмҳои иқтисодӣ Шамсуллозода Шукрулло ба имзо расидааст, қайд кардааст, ки диссертатсияи илмии Шоҳиён Абдураҳим Маҳмадулло дар мавзӯи «Асосҳои институтсионалии ташаккул ва рушди шарикии иҷтимоӣ дар субъектҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз рӯи навгонии таҳқиқот тибқи шиносномаи номгӯи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи самти ихтисоси 08.00. 01 – назарияи иқтисодӣ иҷро гардида, ба бандҳои 1.1. Иқтисоди сиёсӣ: сохтор ва қонуниятҳои рушди иқтисодӣ; моликият дар низоми муносибатҳои иқтисодӣ; манфиатҳои иқтисодӣ; назарияи механизми хоҷагидорӣ ва рушди он: принсипҳо, тамоюлҳо ва хусуиятҳо; қонуниятҳои таҳавуллоти низомҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ; гуманизатсияи рушди иқтисодӣ; 1.2. Алоқамандии некуаҳволии инфиродӣ ва ҷамъиятӣ. 1.4. Назарияи иқтисодии институтсионалӣ ва таҳавуллотӣ: назарияи иқтисодиёти гузаранда ва дигаргуншавии (трансформатсия) низомҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ; интихоби иқтисодӣ-иҷтимоӣ мувофиқат менамояд.

Унвонҷӯ 11 мақолаи илмӣ дар ҳаҷми 6,6 ҷузъи чопӣ ба нашр расонидааст, ки ҳамаашон доир ба мавзӯи диссертатсия мебошанд, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонида шудааст.

**Интишор дар нашрияҳо, ки ба рӯйхати маҷаллаҳо ва нашрияҳои пешбари илмии тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия дода шудааст:**

**А) Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА -и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба интишор расидаанд:**

[1-М]. Шохиён, А.М. Развитие параметров социальная ответственность субъектов экономики малого бизнеса в Республики Таджикистан// Центр стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан Вестник-Таджикистан и современный мир, 2016. №6 – С. 177-185
(0,56 п.л.).

[2-М]. Шоҳиён, А.М. Ҷанбаҳои иҷтимоӣ-меҳнатии рушди иқтисодӣ //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2018. №2 – С. 170-175 (0,37 ҷ.ч).

[3-М]. Шоҳиён, А.М. Тамоюли стратегии рушди шарикии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон// Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур, Маҷаллаи назариявӣ ва илмию истеҳсолии "Кишоварз", 2019 №3(83) – С.194-202, (0,56 ҷ.ч).

[4-М]. Шоҳиён, А.М. Заминаҳои ташаккули институтҳои шарикии иҷтимоӣ дар Тоҷикистон// Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. 2019. №2(27) – С.78-87 (0,62 ҷ.ч ).

[5-М]. Шоҳиён, А.М. Шарикии иҷтимоӣ ҳамчун механизми гуманизатсияи фаъолияти иқтисодӣ ва заминаҳои ташаккули он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон// Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. 2019. №3(66) – С.45-60 (1,0 ҷ.ч).

[6-М]. Шоҳиён, А.М. Ҷойгоҳи шарикии иҷтимоӣ дар сохтори институтсионалии рушди иқтисодиёт// Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, Ахбори ДДҲБСТ, 2019. №3(80) – С.97-108 (0,75 ҷ.ч ).

[7-М]. Шоҳиён, А.М. Самтҳои асосии баланд бардоштани сатҳи шарикии иҷтимоии субъектҳои бахши хусусӣ дар Тоҷикистон// Маҷаллаи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Идоракунии давлатӣ", 2019. №2(42) – С.129-141(0,81ҷ.ч).

**В) Дар дигар нашрияҳо:**

[8-М]. Шоҳиён, А.М. Тамоюли зуҳури масъулияти иҷтимоӣ дар бахши соҳибкории Тоҷикистон// Материалы научно-педагогического состава профессоров, преподователей и студентов Государственного Университета города Куляба имени Абуабдулло Рудаки 2018 года. (г. Куляб, от 26-27 апреля 2019 года), Душанбе: Изд-во ПРОМЭКСПО, – С. 106-110 (0,31 п.л).

[9-М]. Шоҳиён А.М. Ҷойгоҳ ва механизмҳои таъмини ҳифзи иҷтимоӣ дар барномаҳои ҲХДТ// Народно-демократическая партия Таджикистана-ведущая сила в современном обществе/ Материалы

республиканской научно-практической конференции (Худжанд, 30-31 января 2019 года, Изд-во «Ношир») – С. 235-247 (0,81 ч.ч).

[10-М]. Шоҳиён, А.М. Нақши шарикии иҷтимоӣ дар рушди сармояи инсонӣ ва рушди инноватсионии иқтисодиёт (Дар мисоли корхонаҳои саноатӣ)// Материалы респубиканской научно-практической конференции –“Роль и значение человеческого капитала в инновационной развитии Республики Таджикистана” –Душанбе, 5 декабря соли 2019. –С. 153-156 (0,25 ч.ч).

[11-М]. Шоҳиён, А.М. Тамоюли гуманизатсияи фаъолияти иқтисодӣ ва шарикии иҷтимоӣ дар татбиқи ҳадафҳои стратегии ҷумҳурӣ// Маҷмӯаи маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи “Рушди фанҳои дақиқ–омили таъмини саноатикунонии босуръат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, бахшида ба эълон гардидани солҳои 2020-2040 бистолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ ар соҳаи илму маориф” ва эълон гардидани ҳадафи чоруми миллӣ “Саноатикунонии босуръати кишвар”, Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат, –Душанбе- 23-24 апрели соли 2020. –С. 123-131 (0,56 ч.ч).

**Ба унвонии автореферати диссертатсия тақризҳо аз шахсони зерин ворид гардиданд:**

1. **Раҳимов А.М.** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. Бо чунин эродҳо: 1) Барои баланд бардоштани сифати рисолаи илмӣ ва дар амал татбиқ намудани он беҳтар мешуд, агар муаллиф аз таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ, махсусан давлатҳои иқтисодиёту иҷтимоиёташон ба Ҷумҳурии Тоҷикистое монандро мавриди омӯзиш қарор дода, дар асоси таҳлили муқоисавии онҳо пешниҳодҳои конкретӣ медод; 2) Хуб мешуд агар муаллиф дар рисолаи худ ба омӯзиш ва таҳияи моделҳои муосири шарикии иҷтимоӣ диққат зоҳир мекард. 3) Дар автореферат баъзе камбудиҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасад.
2. **Садриддинов Н.Т.-** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи

Носири Хусрав. Бо чунин эродҳо: 1) Дар боби якум, ки қисми назариявии диссертатсияро ташкил медиҳад, аз рӯи хулосабандии мо диссертант назарияи гуногуни олимонро дида баромада дар қиёс мавқеи худро мустақиман муайян нанамудааст; 2) Дар автореферат мо таҷрибаи дигар давлатҳои пешрафтаро мушоҳида нанамудем. 3) Хело хуб мешуд, ки ба ҷойи баъзе ҷадвалҳо факту рақамҳо дар шакли диаграммаҳо пешниҳод карда мешуданд. 4) Дар матни таҳқиқи диссертатсия хатогиҳои имлои мушоҳида карда мешаванд.

3. **Кошонова М.Р.** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисодии Тоҷикистон. Бо чунин эрод: 1) Агар муаллиф нақш ва аҳамияти шарикии давлат ва бахши хусусиро дар асоси тавсеаи қарордодҳои давлатӣ-хусусиро таҳқиқ менамуд кори диссертатсионӣ арзиши илмиаш баланд мешуд. 2) Ҳамзамон, ба назари мо ба масъалаҳои рушди соҳибкории иҷтимоӣ низ таваҷҷуҳи хос зоҳир мегардид.

4. **Бексултонов А.А.** –доктори илмҳои иқтисодӣ, декани факултаи муҳандисию иқтисодии Донишгоҳи давлатии Қирғизистон, пофессори кафедраи амнияти иқтисодӣ ва маркетинг. Бо чунин эродҳо: 1) Хуб мешуд, агар муаллиф дар таҳқиқот таҳлили муқоисавии мушаххаси ҳолати шарикии иҷтимоии Тоҷикистонро бо кишварҳои ҳамсояи ИДМ нишон медод. 2) Муаллиф дар таҳқиқот доираи васеи соҳаи иқтисодиётро фаро гирифтааст, ки ин барои чунин кор бисёр васеъ аст.

5. **Раҳимов З.С.** - номзали илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи МБҒЭ ва энергетикаи ҳароратии Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон. Бо чунин эродҳо: 1) Механизми татбиқи шарикии иҷтимоӣ дар сатҳи кофӣ таҳлил нашудааст; 2) Дар автореферати диссертатсия як қатор камбудиҳои имлоӣ дида мешавад.

Ҳамаи тақризҳо мусбӣ буда, эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Шӯрои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар асоси таҳқиқоти иҷронамуда аз ҷониби унвонҷӯ:**

- ***асоснок карда шудааст, ки*** моҳияти мафҳуми “шарикии иҷтимоӣ” ҳамчун категорияи иқтисодӣ-иҷтимоӣ, ки маҷмӯи муносибатҳои иҷтимоию иқтисодиро доир ба муҳиммияти муносибатҳои меҳнативу

иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар низоми муносибати молумулкӣ ва мубодилоти манфиатҳои иҷтимоию моддӣ ифода намуда, раванди гуманизатсияи истеҳсолотро фаъол мегардонад;

- вобастагии мустақими сиёсати иҷтимоии давлат ва шарикии иҷтимоӣ муайян карда шуда, омилҳои иҷтимоии рушди иқтисодӣ ва сатҳу сифати таъсирбахши он ба ҳадафҳои дарозмуддати рушди иқтисодии субъектҳои хоҷагидор тавсиф карда шудааст;

- ***пешниҳод карда шудааст, ки*** такмили механизми табиқи шарикии иҷтимоӣ тариқи коркарди самтҳои зерин сурат мегирад:

- коркарди асосҳои методологӣ ва методикаи арзёбии сифативу микдории таъсири сатҳи инкишофи шарикии иҷтимоӣ ба рушди иқтисодии субъектҳои иқтисодӣ;

- интихоби ва коркарди муносибатҳои консептуалӣ ба рушди шарикии иҷтимоӣ:

- коркарди принсипҳои методии ташкили системаҳои идоракунии шарикии иҷтимоӣ дар самти иҷтимоии фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ, бахусус дар бахши хусусии иқтисодиёт;

- самтҳои рушди институтҳои алоҳидаи шарикии иҷтимоӣ, ки сохтори инстиусионалии онро муайян мекунад;

- таҳияи шакли ягонаи системаи арзёбии рушди масъулияти иҷтимоӣ (таҳияи базаи методологии муқоисаи саҳми корхонаҳо дар рушди ҷомеа);

- коркарди шакли ягонаи системаҳои ҳисоботдиҳӣ оид ба масъулияти иҷтимоӣ;

- коркарди тарзу услуби асоснок намудани сатҳи масъулияти иҷтимоии соҳибкорӣ пешниҳод гардидааст;

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот бо назардошти он:**

**асоснок карда шудааст, ки:** хулосаҳои мухтасар ва пешниҳод барои мукаммал намудани сохтори институтсионалӣ ва ташкили ҳамкориҳои мутақобилаи мақомоти давлатӣ, иттифокҳои касаба, корфармоён дар сатҳҳои гуногун дар ташаккули сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар самти муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодии субъектҳои иқтисодӣ муайян ва истифода карда мешавад.

***вобаста ба масъалаҳои таҳқиқшаванда*** таҳқиқот усулҳои зерин: таҳлил ва омӯзиш, усулҳои индуксия ва дедуксия, таҳлили қиёсӣ, усулҳои баҳодиҳии тағйирёбии сохторӣ, таҳлили абстрактию мантиқӣ, монографӣ, усулҳои иқтисоди оморӣ ва математикӣ ва ғайра истифода шудаанд, ки эътимоднокии хулосаю пешниҳоди дар диссертатсия овардашударо тасдиқ менамоянд;

- *таҳлили* нақш ва ҷойгоҳи шарикии иҷтимоӣ дар рушди тамоюли гуманизатсияи фаъолияти иқтисодӣ ба иҷро расида, аз байн бурдани тазод миёни сармоя ва меҳнат, хусусияти робитаҳои институтсионалӣ миёни муносибатҳои моликият, шарикии иҷтимоӣ ва рушди иқтисодии субъектҳои иқтисодӣ муайян карда шудаанд; сабабҳои ба миён омадани зиддияти функсияҳои тасарруф, тақсимот, истифода ва азхудкунии захираҳо аз нуқтаи назари рафтори институтсионалӣ шарҳ дода шудааст.

**Моҳияти натиҷаҳои ба дастомадаи таҳқиқоти унвонҷӯ барои амалия тасдиқ карда мешавад аз он сабаб, ки:**

- ***нуқтаҳои асосии назариявӣ ва амалии таҳқиқоти мазкур*** тавсияҳо оид ба натиҷаи таҳқиқоти ба сифати асосҳои назариявӣ ва методологии омӯзиши шарикии иҷтимоӣ истифодаи равишҳои институтсионалӣ пешниҳод мегардад, ки аз вобастагии тарафи иҷтимоиву технологии фаъолияти истеҳсолии субъектҳои иқтисодӣ бармеояд.
- ***муайян карда шудааст, ки*** дар замони муосир шарикии иҷтимоӣ ҳамчун ниҳоди муҳим ҷиҳати созиши манфиатҳои иштирокдорон дар ҳалли зиддиятҳои бавуҷудомада дар низоми муносибатҳои иҷтимоию иқтисодии субъектҳои хоҷагидор баромад менамояд.

**Арзёбии дуруст будани натиҷаҳои таҳқиқот муайян карда шуд, ки:**

**- идеяҳои асосӣ ба таҳлил:** Барои асосноксозии илмӣ-амалии хулосаву пешниҳод дар кор маводҳои расмии аз ҷониби сохторҳои салоҳиятноки давлатии ҷумҳурӣ таҳиягардида, Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ, маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати саноат ва технологияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон маводи конференсияҳо, маводи таҳлилӣ ва тадқиқотӣ, захираҳои иттилоотии шабакаи «Internet» ва мушоҳидаҳои шахсии муаллиф истифода гардидаанд.

- ***истифодаи*** ғояи асосии диссертатсия ба назарияҳои илмӣ, фарзияҳои пешгӯинамуда ва асосноккардида оид ба шарикии иҷтимоӣ, ки дар асарҳои олимони иқтисоддони муосири ватанӣ ва хориҷӣ таҳқиқ гардидаанд, мувофиқ аст.

**Саҳмии шахсии унвонҷӯй иборат аст, аз:**

***иштироки бевоситаи муаллиф дар ҷамъ овардани иттилоот,*** коркард ва ҳамаи даврахо ҷиҳати иҷрои нақшаи кори илмӣ бевосита аз тарафи муаллиф гузаронида шудааст, аз ҷумла: интихоби мавзӯъ, асосноккунӣ ва мубраммияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳои таҳқиқот;

– муаллиф дар такмилдиҳии институти шарикии иҷтимоӣ назарияҳои илмӣ, фарзияҳои пешгӯинамуда ва асоснокгардида дар асарҳои олимони иқтисоддони ҳозиразамони ватанию хориҷӣ ва механизми дар амал татбиқ намудани онҳоро дар шароити муносибатҳои нави иқтисодӣ таҳқиқ карда, саҳми худро гузошта, хулоса ва пешниҳодҳои илмиро ба даст оварда, мақолаҳои илмӣ омода ва нашр намудааст.

–*натиҷаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии муаллиф татбиқ карда шудааст* (маълумотнома оид ба татбиқ аз ҷониби Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат аз 15 январи соли 2021 ва маълумотномаи Кумитаи марказии иттифоқи касабаи кормандони геология, саноати маъдан ва металлургияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 20 январи соли 2021 дар ҳаҷми 2 саҳифа замима гардидааст).

-ҷамъоварӣ, гурӯҳбандӣ ва таҳлили маълумотҳои оморӣ вобаста ба мавзӯи таҳқиқот мустакилона аз тарафи муаллиф сурат гирифтааст;

- таҳияи 11 мақолаи илмӣ дар ҳаҷми 6,6 ҷ.ч, ки аз он 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд;

- *гузориши натиҷаҳои таҳқиқот* дар конференсияҳои илмию амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва семинарҳои сатҳи гуногун муаррифӣ гардидаанд.

Дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионӣ оид ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба Шоҳиён Абдураҳим Маҳмадулло аз рӯи ихтисоси 08.00. 01 – Назарияи иқтисодӣ 23.01.2021 қарор қабул намуд.

Дар рафти овоздиҳии пинҳонии шӯрои диссертатсионӣ аз 21 нафар аъзои шӯро 17 нафар, аз ҷумла ____нафар доктори илм аз рӯи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда иштирок доштанд. Аз 17 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионии дар ҷаласа иштирок дошта овоз доданд: тарафдор - 17, зид - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Раиси Шӯрои диссертатсионӣ**
**д.и.и., профессор** **Исайнов Ҳ.Р.**

**Котиби илмии**
**Шӯрои диссертатсионӣ,**
**н.и.и., дотсент** **Саидмуродова М.А.**